# МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА 34-УМИН СОЛГАРДИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 3 Сентябр, 2025 - 13:33
[1]

Имрӯз дар Кумитаи забон ва истилоҳот бахшида ба таҷлили ҷашни Истиқлоли давлатӣ мизи мудаввар баргузор гардид. Таъкид гардид, ки забони тоҷикӣ дар раванди ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутобро тай карда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахту сангини таърих гузаштааст ва имрӯз, яъне дар даврони соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлати миллӣ низ рисолати худро ба сифати яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва омили ҷомеасозу ваҳдатофарин идома дода истодааст.
Раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод забони тоҷикӣ ва ташаккули пайвастаи онро дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии халқи тоҷик арзёбӣ карда, иброз дошт, ки забони миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, дар пойдорӣ ва таҳкими давлати миллӣ накши асосӣ дорад ва ба ин далел забони миллат асоси бунёд ва пояи давлат маҳсуб мешавад. Мардуми тоҷик бо иродаи қавии худ дар моддаи 2-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ қабул ва эътироф кардаанд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (3 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

- 

[4]

-

[5]

-

[6]

-

[7]

-

[8]

- 

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/mizi-mudavvar-bahshida-ba-34-umin-solgardi-chashni-istikloli-davlatii-chumkhurii-tochikiston

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/540676794_1221716105844623396_1393181948488447107_n.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515110822_122171610542462396_1641576762993499 28_n.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515439491_122171610500462396_3070464235593666406_n.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515505509_122171610668462396_2345908381861800799_n.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/540676794_122171610584462396_1393181948488447107_n.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/540699721_122171610710462396_970423130338838 81_n.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/541048271_122171610620462396_1788612697188900636_n.jpg